# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ.

Солҳои охир дар ҷумҳурӣ ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи сифати таълим, истифодаи усулҳои мухталиф дар ин самт, ки яке аз проблемаҳои мубрам дар омодакунии мутахассисони ба бозори меҳнати муосир ҷавобгӯ ба ҳисоб меравaнд, диққати ҷиддӣ дода мешавад. Рисолаи Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таъ лими меҳнат)», ба мақсади баланд бардоштани сатҳи таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омода гардидааст.

Маълум аст, ки алҳол ҷумҳурӣ ба тайёркунии мутахассисони соҳибкасб эҳтиёҷи калон дорад, алалхусус, ин раванд, чӣ тавре дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №765 аз 04 декабри соли 2014 «Оид ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар солҳои 2015-2020» ва Фармони Президенти ҶТ №1445 аз 31 январи соли 2020 дар бораи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" таъкид мегардад, ба илмҳои дақиқ эътибори махсус дода шавад. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои таълими самаранок бо истифода аз усулҳои технологияи муосир ҷои аввалиндараҷаро ишғол менамояд.

Ислоҳоти соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ баланд бардоштани, пеш аз ҳама, беҳтар намудани с атҳи сиф ати дониши донишҷӯёнро дар назар дорад ва дар ин самт аз омӯзгорон истифода намудани роҳу усулҳои зиёд, аз ҷумла татбиқи технологияи муосирро талаб менамояд. Вобаста ба ин баланд бардоштани фарҳанги муошири донишҷӯён бо технологияи

муосир дар раванди таълими теехнология (таълими меҳнат), умуман ва ташаккули салоҳияти исти фодабарии компютерии онҳо хусусан, яке аз вазифаҳои муҳимми муассисаҳои таълимии олии касбӣ ба ҳисоб меравад ва ин ҳолат мубрамии мавзӯи интихобнамудаи унвонҷӯро ифода менамояд.

Муаллиф рисолаи худро дар ҳаҷми ду боб таҳлилу таҳқиқ намуда, дар муқаддимаи он интихоби мавзӯъ, аҳамияти дараҷаи омӯзиш, вазифаю масъалаи таҳқиқот ва инчунин методи таҳқиқу марҳилаҳои омӯзиши онро пурра дуруст баён кардааст.

Дар боби якум, ки **«Асосҳои методии омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (та ълими меҳнат) дар таъл ими конвергентӣ»** ном дорад, аз панҷ фасл иборат аст, унвонҷӯ асосҳои методии истифодаи компютер дар раванди таълими конвергентӣ, тавсифи фаъолияти таълимӣ, сохтори таълими технология ва таҳлили адабиёти ин самтро дар шароити муосири таҳсилот мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки компютер – ин илова ба системаи мавҷудаи таълим нест ва нақши он ба ивази системаи сеқисматии таълим «омӯзгор-китоби дарсӣ-хонанда» ба чорқисмата оварда намерасонад. Компютер – ин воситаи пуриқтидори таълим, ки холисона ба ивазшавии ҳамаи қисматҳои системаи таълим аз муҳтавои таълим сар карда то шаклҳои ташкилии он оварда мерасонад. Яъне, компютер бояд ба хонанда имконият диҳад, ки ба таври фаврӣ объекти дар экран нишондодашударо тағйир диҳад, бо моделҳо иваз кунад ва бо онҳо амалиёт гузаронад. Дар ин сурат имкониятҳоро ба назар гирифтан зарур аст: инъикоси амалҳои хонандагон дар экран ва алоқаи онҳо бо тағйироти объекти амалиёт; барномарезии одии амалҳои шахсӣ бо амалисозии он дар экран; ихтисори системаи амалҳо (ивази якчанд амалиёт бо як амал), яъне ташкил ва ҷалби аломатии амалҳои хулосашуда; интихоби байни реҷаҳои фосиладор ва бефосилаи шакливазкунии объектҳо дар экран; танзими суръати иҷрошавии амалҳо бо объект. Дар боби якуми рисола ин ҳолатҳо таҳлил гардида якчанд хулосаҳо таҳия шудааст, ки баъзеи онҳоро қайд менамоем:

1. Компютерикунонии таълим шартан се гурӯҳи калони муаммоҳоро ташкил мекунад. Гурӯҳи аввал ба назарияи таълим, дуюм – ба технологияи таълими компютерӣ ва сеюм – ба тарҳрезии барномаи таълимӣ марбут аст.
2. Ташкили раванди таълим бо истифодаи компютер танҳо тавассути системаи махсуси масъалаҳои таълимӣ имконпазир аст.
3. Компютерикунонии таълим ҳамчун низоми дидактикӣ номгӯи ҳадафҳои омӯзонидани донишу маҳорат, инкишофи соҳаҳои асосии фаъолияти инсон, ташаккули фаъолияти таълимӣ; тавсифи мундариҷаи маводи омӯзиш, меъёрҳои интихоби он барои бунёди воситаҳои барномавии педагогӣ, робитаи маводи барномавӣ ба мундариҷаи боқимондаи машғулият; тавсифи сохтори дидактикии машғулият; таъмини мотиватсионии он; ишора ба шаклҳои робитаи фаъолияти омӯзгор ва татбиқи компютер, ҳамбастагии методҳои таълимро дарбар мегирад ва ғайра.

Боби дуюми рисола **«Самарабахшии таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ дар омодакунии омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат)»** аз се фасл иборат буда дар он нақши модел ва масъалаҳои моделкунонӣ дар таълими конвергентӣ дида мешавад.

Муалиф қайд менамояд, ки вобаста ба рушду ташаккули равандҳои технологӣ дар ҶТ барои дохил шудан ба ҷомеаи инноватсионӣ ва иқтисодӣ зарурат пайдо мешавад, ки салоҳиятҳои зеринро омӯхта амал намоем:

– қобилият ва омодагӣ ба такмили доимӣ, такмилдиҳии касбӣ, кӯшиш ба воридкунии навгониҳо;

– қобилияти тафаккури ниҳоӣ;

– эҷодкорӣ ва соҳибкорӣ, омодагӣ ба машғулияти мустақилона дар гурӯҳ ва дар шароити рақобатпазирӣ;

– донистани забонҳои хориҷӣ.

Бевосита таълими технология дар ҷараёни машғулиятҳо алоқаи назария ва амалияро равнақ медиҳад ва ҷиҳати таҳлили ин ақида унвонҷӯ дар ин боб истифодаи технологияи муосир-дастгоҳи принтери 3D-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва ба чунин хулоса меояд - технологияи чопи 3D шавқу рағбати эҷодкориро дар донишҷӯён тақвият медиҳад. Ба ҷойи харидан ё истеъмоли маҳсулоти тайёр, онҳо ихтироъкорие мекунанд, ки ниёзҳои пайдошуда ҳалли худро меёбанд. Дониш ва малакаи андӯхтаи худро ба технологияҳои муосир эҷодкорона омезиш медиҳанд. Чопи 3D технологияе мебошад, ки олимон ва муҳандисон барои тағйир додани равандҳои фаъолияти инсон истифода мебаранд. Бо интиқол додани ин технология донишҷӯён, бо мушкилоти тамоми ҷомеа ошно мегарданд ва малакаҳоеро меомӯзад, ки дар омӯзиши минбаъда ва гирифтани касбашон муфид хоҳад буд. Бо чопи 3D, санъат тадриҷан ба технология табдил меёбад, донишҷӯён бошанд тарроҳӣ ва рассомиро аз худ намуда бо истифода аз технологияи муосир тасаввуроти худро дар амал татбиқ мекунанд. Дар раванди таълим тафаккури беруна, қобилияти тарроҳӣ ва таҷассуми маводи навро инкишоф медиҳад.

истифодаи таълими конвергентӣ бо технология иттилоотӣ дар раванди таълими технология (таълими меҳнат) ба донишҷӯён имконияти расидани ба ҳадафҳои зеринро муҳайё месозад:

- иртиботи донишҷӯёнро дар ҷараёни таълим конвергентӣ устувор намуда, таваҷҷуҳи онҳоро ба маҳорати техникӣ бештар мегардонад;
- асоси таълими технологияи конвергентӣ ҳамоҳангии раванди машғулиятҳоро таъмин намуда, ба ташаккулёбии донишҷӯён кумак мерасонад;
- ба имконияти воқеии фаъолнокии донишҷӯён мусоидат мекунад;
- ғояҳои мувофиқро дар ҷараёни таълими технологияи конвергентӣ таъмин менамояд;

- рушди зеҳнӣ ва қобилияти техникии донишҷӯёнро васеъ мегардонад.
- азхудкунии босифати мафҳумҳои таълими технологияи конвергентиро таъмин месозад.

Дар асоси таҳқиқоти худ аз тарафи унвонҷӯ тавсияҳои зерин пешниҳод шудааст:

Баланд бардоштани донишҳои техникӣ дар ихтисоси технология (аз рӯйи самтҳо) бо дарназардошти технологияҳои конвергентӣ, ки айни замон раванди фаъолияти он рушдёбанда аст, ба ташаккули сатҳи шуурнокӣ, маҳорату малакаҳои ихтироъкории донишҷӯён мусоидат менамояд. Таълими конвергентии технологияи касбӣ (таълими меҳнат) ва технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ на танҳо маълумот, омӯзиш ва методҳои истифодабарӣ ба ҳисоб меравад, балки тарбияи илмию эстетикии донишҷӯёнро низ ташаккул медиҳад. Ба донишҷӯён дониши хуби техникии муосир дода, барои ташаккули таълими конвергентии технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ замина мегузорад, ки ин ба тақвияти майлу рағбати онҳо низ нигаронида шудааст.

1. Дар ҷараёни омӯзиш шавку ҳаваси донишҷӯён нисбат ба таълими конвергентии технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ зиёд гардида натиҷаҳои он дар марҳалаҳои охир хубтар гашт.
2. Баланд бардоштани сатҳу сифати донишҳои техникӣ ба шавку рағбати донишҷӯён вобаста буда, мавриди ҳалли масъалаҳои техникӣ, таҷрибавӣ, фаъолгардонии фаъолияти донишазхудкунӣ, ҳамкории байни омӯзгор ва донишҷӯён, таҳияи барномаи мушаххасшуда, дастурҳо ва барномаҳои таълимӣ, китобҳои машғулиятӣ бо дарназардошти супоришҳои техникӣ, муносибати пурмасъули омӯзгор нисбат ба фаъолгардонии маҳорати техникии донишҷӯ мусоидат хоҳад кард.

3. Таҳқиқот нишон дод, ки усули интихобшуда дар чараёни машғулиятҳои технология, дониш ва маҳорати техникии донишҷӯёнро оиди таълими конвергентӣ тақвият мебахшад. Қайд намуданд бомаврид аст, ки ҳангоми ташкили чараёни таълими конвергентӣ бо воситаи методҳои мухталиф, гузаронидани машғулиятҳои фориғ аз дарс, ки ба мақсади баланд бардоштани эҷодиёти техникии омӯзгорони оянда технология шароити мусоидат фароҳам меорад, зарур мебошад.
4. Машғулияти муосири таълими конвергентии технологияи касбӣ (таълими меҳнат) ва технологияи иттилоотӣ дар МТОК, аввалан ба маҳорат ва донишмандию салоҳиятнокии омӯзгорони дарсдиҳанда, баъдан ба интизомнокӣ ва қобилиятҳои донишҷӯён, маҳорати фикррони онҳо ва сипас раванди ташкили машғулиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) вобаста мебошад, зеро аз рӯйи табиати худ ташкили машғулиятҳо дар муассисаҳои таълимӣ аҳамияти муҳим дорад.
5. Барои баланд бардоштани сифати таълими конвергентии технологияи касбӣ (таълими меҳнат) ва технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимӣ сохтори «конвергентро»-ро истифода бурдан муҳим аст. Конвергент – ин робита байни омӯзгор, донишҷӯ, техно логияи муосир ва масъалаҳои хусусияти техникӣ дошта мебошад.
6. Мувофиқ намудани чараёни таълими конвергентии технологияи касбӣ (таълими меҳнат) ва технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ яке аз масъалаҳои муҳимми таҳсилот ҳисобида мешавад. Баландбардории шавқи маърифатии донишҷӯён ба маводи омӯхташавандаи фанни технология (таълими меҳнат) дар МТОК дар аксар вақт ҷиҳати истифодаи самаранок дар соҳаҳои гуногуни масъалаҳои хусусиятҳои техникӣ дошта мусоидат мекунанд. Инчунин, барои беҳтар намудани сатҳи

дониш бо истифода аз таълими конвергентии технологияи касбӣ (таълими меҳнат) ва технологияи иттилоотӣ, истифодаи оқилонаи маводу воситаҳои техникӣ дар фаъолияти ояндаи кории донишҷӯён нақши муҳимро амалӣ месозад.

7. Инкишофи воқеъии ҷараёни таълими конвергентии технологияи касбӣ (таълими меҳнат) ва технологияи иттилоотӣ бояд самаранокии донишҳои техникии донишҷӯёнро бо методи фаъолгардонии муносибати хуби донишҷӯён ба омӯзиши чунин таълимоти муосир баланд гардонад, ки ин боиси инкишоф ёфтани маҳорати техникии онҳо мегардад.
8. Намунаи маводи таҳияшуда, доир ба намудҳои гуногуни таҷҳизоти дар болозикршуда, санҷиши донишҳои техникӣ, маҳорат ва малакаи донишҷӯёнро ҳангоми машғулият афзун намуда, диққати онҳоро ба асбобҳои техникии муосир ҷалб менамояд. Муайян гардид, ки бо МТК, машғулиятҳо дар муассисаҳои таълимӣ имкониятҳои васеи донишазхудкуниро фароҳам меорад.

Ба назари мо, дар баробари муваффақиятҳои зиёд дар рисола баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки чунинанд:

1.Дар рисола ҳарчанд дар бораи таълими конвергентӣ (таълими ҳамгиро) сухан меравад, оиди барномаҳои компютерӣ маълумот кам ба назар мерасад.

2.Хуб мешуд, агар дар хулоса саравввал натиҷаҳои асосии ҳосилгардида баён шуда баъдан тавсияҳо пешниҳод мегашт.

3.Дар рисола баъзе хатогиҳои имловию грамматикӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои овардашуда ба арзиши назариявию амалии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Мазмуну мӯҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки ба забонҳои давлатӣ - тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, пурра мувофиқат мекунад. Мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯй, ки 19 номгӯ иборат, аз ин 11 тоаш дар маҷаллаҳои

аз тарафи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида нашр шудааст, инъикоскунандаи моҳияти рисола мебошанд.

Рисолаи илмии Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
мудири кафедраи барномасозӣ
ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

10.02.2023 с.

*Имзои д.и.п.,профессор Мирзоев А.Р.- ро тасдиқ менамоям:*
*Сардори раёсати кадрҳо ва корхои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон* *Ҷураев Ш.Н.*

10.02.2023 с.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи Борбад 48/5, Тел +992 918636113., e-mail:aziz69@mail.ru